**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷоиович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семаитикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси: 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Диссертатсияи Маликов Абдулвохид Расулҷонович баррасии яке аз масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ - таҳқиқи муқоисавии сифатҳои аслиро дар забонҳои тоҷикию фаронсавӣ дар бар мегирад. Табиист, ки сифатҳои аслии забонҳои тоҷикию фаронсавӣ ва хусусияти сохториву маъноии онҳо то ҳол ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд ва умумияти сохториву маъноии онҳо дар муқоисаи ду забони низомашон гуногуни тоҷикӣ ва фаронсавӣ ба таври дақиқ нишои дода нашудаанд.

Ҳадафи асосии баррасии мавзуи мазкур дар таъйини монандию фарқияти сифатҳои аслии забонҳои муқоисашаванда ифода меёбад. Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсия барои ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои дар пешаш гузошташуда маводҳои назарии бахшида ба масъалаи сифатҳои аслии забонҳои муқоисашавандаро омӯхта, маводҳои марбут ба забоншиносӣ ва маводи адабиёти бадеиро дар ду забон таҳлил намудааст.

Ҳамчунин, баррасии сохтори луғавӣ – семантикӣ, синтаксисӣ ва муқоисавии сифатҳои забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ, ошкор намудани монанди ва фарқияти онҳо, калимасозии сифат, ҷойи сифат дар ҷумлаҳои забонҳои тоҷикию фаронсавӣ ва хусусияти маъноии сифатҳои аслии забонҳои муқоисашавандаро муайян намудааст.

Ба сифати объекти таҳқиқот сифатҳои аслии гуногунсохтор ва гуногунмаъно, таснифоти сифат аз рӯйи семантика ва синтаксис дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ва инчунин таҳлили муқоисавии онҳо дар забонҳои мазкур, интихоб гардидаанд.

Асарҳои забоншиносони ватаниву хориҷӣ аз зумраи В. В. Виноградов, Ю. А. Рубинчик, И.Н.Берёзин, В. Г. Гак, В. С. Расторгуева, И. Королева, Ш. Рустамов, Н. Маъсуми, Ш. Ниёзи, С. Ализода, Шарл Балли, Морис Гревис, Жак Дамурет, Жан Клод-Шувалие, Мартин Риегел ва дигарон асосҳои назариявии кори диссертатсионӣ маҳсуб ёфта, ҳамчунин барои таҳлилу баррасии амиқи мавзуи мазкур аз методҳои тасвирӣ, қиёсӣ – муқоисавӣ, таҳлилӣ, дистрибутивӣ, таҳлили муқоисавӣ, истифода гардидаанд.

Диссертант дар таҳияи диссертатсия талаботи методиву методологии рисолаи илмиро риоя намуда, сохтори онро дар шакли муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ба низом даровардааст, ки мантиқан мувофиқ аст.

Дар муқаддима тамоми бандҳои муқарраргардида, аз ҷумла, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ ва навоварии илмии кори диссертатсионӣ баррасӣ гардидаанд.

**Боби якуми** диссертатсия «Заминаҳои таҳқиқи сифат дар забоншиносӣ» ном дошта, муаллиф дар асоси таҳқиқоти забоншиносони тоҷик, рус ва фаронсавӣ масъалаҳои таҳқиқи сифат ва мафҳуми сифат дар забоншиносии тоҷик ва фаронсавиро баррасӣ намудааст.

**Боби дуюми** диссертатсия «Вазифаи семантикӣ-грамматикии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» унвон дошта, дар он сохтори семантикӣ-морфологии сифат, дараҷаҳои сифат, ба воситаҳои гуногун ифода гардидани дараҷаи сифат дар забонҳои муқоисашаванда мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Боби сеюм** бошад «Вазифаи наҳвии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» номгузорӣ шуда, истифодаи сифат ҳамчун муайянкунанда, хабар ва ҳоли тарзи амал дар ин забонҳо, мутобиқат, фарқият ва ҷойи сифатҳо дар ҷумлаҳои забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавиро дар бар мегирад.

Муаллифи диссертатсия таъкид менамояд, ки вазифаи семантикӣ-грамматикии сифат дар забонҳои мавриди таҳқиқ ба ҳамдигар шабоҳат дошта, аз ҷиҳати сохт аз якдигар фарқ мекунанд. Хусусияти фарқкунандаи сифатҳои аслии фаронсавӣ нисбат ба сифатҳои аслии забони тоҷикӣ дар доштани категорияи ҷамъбандӣ ва ҷинсият, мувофиқати сифат бо исм дар ҷинс ва шумора зоҳир мегардад. Таҳлилу баррасии мавзуъ ба муаллифи рисола имкон додааст, ки ба натиҷаҳои муҳиму назаррас ноил гардад.

Маликов А. Р. натиҷаҳои таҳқиқоти хешро бо чаҳордаҳ хулосаи мушаххас оид ба сифат ва таҳлили луғавӣ-семантикии он дар забонҳои муқоисашаванда ҷамъбаст намудааст. Ҳамин тавр, автореферати диссертатсия ба забони илмӣ ошно гардида, бобу зербобҳои он ҷанбаҳои мухталифи мавзуи таҳқиқро фаро гирифта, бо ҳамдигар алоқаи мантиқӣ доранд.

Қобили зикр аст, ки диссертант мавзуи мазкурро мушаххас ва амиқ таҳлилу баррасӣ намуда, дар таҳқиқи он муваффақ гаштааст. Ҳадафҳои пешгирифтаи ӯ дар таҳлили сохторӣ ва луғавию маъноии сифатҳои аслӣ пурра амалӣ гаштаанд.

Дар баробари дастовардҳои зикргардида дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба мушоҳида расидаанд, ки ислоҳи онҳо корро мукаммалтар мегардонад:

1. Дар баъзе ҷойҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ ва аломатҳои китобӣ дида мешаванд.

2. Хулосаи баъзе бобҳо ҳануз ҳам мукаммал нестанд.

Вале бо вуҷуди ин норасоиҳо ва ғалатҳои ҷузъӣ наметавонанд ҳаргиз қимати илмии диссертатсияро паст кунанд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Маликов А. Р. дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба расмият даровларда шуда, интишороти муаллифи он баёнгари мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд.

Хулоса аз фишурдаи рисола натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Маликов А. Р. дар мавзуи зикргардида, кори таҳқиқотии баанҷомрасида буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, мудири кафедраи филологияи англисии
Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикистон **Турсунова Ф.Р.**

Имзои Ф.Р. Турсуноваро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикистон **Раҳимов А.А.**

**Суроғаи муқарриз:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30
Телефон: (992 ) 907-62-01-02
E-mail: firuza.tursunova123@mail.ru